**«Тасдиқ мекунам»**
**Роҳбари Гурӯҳи корӣ,**
**Муовини Кумитаи Давлатии**
**сармоягузорӣ ва идораи амволи**
**давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Нигина Анварӣ**

**«12» декабри соли 2016**

# ПРОТОКОЛИ

## ҷаласаи панҷуми Гурӯҳи корӣ оид ба рушди соҳибкории занон
## 8 декабри соли 2016

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Мониторинги татбиқи Нақшаи чорабиниҳои Гуруҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон дар солҳои 2015-2016
2. Муаррифии консепсия оид ба тавсеаи имкониятҳои иқтисодию ҳуқуқии занон
3. Таҳияи Нақшаи чорабиниҳои Гуруҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон барои соли 2017

Ҷаласаро Роҳбари Гурӯҳи корӣ, Муовини Раиси Кумитаи Давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Нигина Анварӣ ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки аъзои Гуруҳи корӣ имруз бо мақсади ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти муштарак дар доираи фаъолияти Гуруҳи корӣ дар давоми солҳои 2015-2016, инчунин баррасии самтҳои минбаъдаи ҳамкорӣ ҷиҳати дастгирии соҳибкории занон барои соли 2017 ҷамъ омадаанд.

**Вобаста ба масъалаи якуми рузномаи ҷаласа,** аз ҷумла мониторинги татбиқи Нақшаи чорабиниҳои Гуруҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон дар солҳои 2015-2016 мушовири иқтисодии Котиботи Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ - Маҷонова Манучеҳра баромад намуд. Қайд карда шуд, ки Нақшаи чорабиниҳо дар ҳамоҳангии зич бо аъзои Гуруҳи корӣ мураттаб гардида, он чорабиниҳои аз ҷониби аъзоҳо дар солҳои 2015-16 банақшагирифташударо дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, мониторинги татбиқи Нақшаи чорабиниҳо ҳисоботи муштараки ҳамаи аъзои Гуруҳи кориро оид ба корҳои анҷомдода дар самти дастгирии соҳибкории занон таҷассум менамояд, ки тибқи натиҷаҳои он дастовардҳо, камбудиҳо ва самтҳои минбаъдаи фаъолияти Гуруҳи кориро муайян намудан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, мониторинги татбиқи Нақшаи чорабиниҳо нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои 2015-2016 аз ҷониби аъзои Гурурҳи корӣ дар самтҳои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва дастрасии занон ба донишу малакаҳои зарурӣ, бозомузии касбӣ ва идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ, рушди ҳунармандӣ, таъмини дастрасӣ ба молия, баланд бардоштани нақши онҳо дар бахши кишоварзӣ, рушди шабакаи минтақавии ассосиатсияҳои соҳибкории занони Осиёи Марказӣ ва Афғонистон корҳои назаррас анҷом дода шудаанд.

Ҳамзамон камбудиҳо дар самти ҳамоҳангсозии нокифояи аъзои Гуруҳи корӣ ҷиҳати таҷдиди назар намудани ҷалвали барномаву лоиҳаҳо, тадқиқот ва ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкории занон дар соли 2016 ва ташкили хазинаи ягонаи тадқиқот оид ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ бо мақсади ҷамъбасти хулосаву тавсияҳо барои пешниҳоди расмӣ ба Ҳукумати мамлакат қайд карда шуданд.

Ҷиҳати рушди ҳунармандӣ роҳбари Ассосиатсияи миллии соҳибкории хурд ва миёна - Матлюба Улчабаева тазаккур дод, ки тақвият бахшидани фаъолияти Гуруҳи корӣ дар самти пешбурди ислоҳот ва қабули қонун “Дар бораи ҳунармандӣ” зарур мебошад.

Вобаста ба масъалаи таъмини дастрасӣ ба молия муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон - Лола Саломзода баромад намуда, омодагии худро барои ҳамкории самарабахш дар доираи фаъолияти Гуруҳи корӣ ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии молиявии занони соҳибкор ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолии онҳо изҳор намуд.

Тавре роҳбари Гуруҳи корӣ қайд намуданд, мушкилоти таъмини дастрасии занон ба молия бо сатҳи пасти саводнокии молиявӣ ва дастрасии маҳдуди занон, хусусан аз манотиқи деҳоти кишвар, ба иттилоот оид ба сарчашмаҳои имконпазири молиякунонӣ аз ҷониби бахши давлатӣ, шарикони рушд ва бахши хусусӣ вобаста мебошад.

Дар самти мазкур Гуруҳи корӣ метавонад ба сифати «Равзанаи ягона» барои дастрасӣ ба чунин иттилоот хизмат расонад. Барои ин таҳия ва нашри маводи иттилоотӣ ва ҳамчунин ҷойгир намудани иттилоот оид ба расмиёти дастрасӣ ба грантҳо, кумаки техникӣ ва қарзҳои пешниҳодшаванда аз ҷониби сохторҳои гуногун дар сомонаи Гуруҳи корӣ мувофиқи мақсад мебошад.

**Вобаста ба масъалаи дуюми рузномаи ҷаласа,** Мерал Гузел, ҳамоҳангсози минтақавии СММ-занон дар кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ ба ҳозирин консепсия ва онлайн платформаи глобалиро барои тавсеаи имкониятҳои иқтисодию ҳуқуқии занон муаррифӣ намуд.

Мавсуф имкониятҳои васеъ ва бартарияти онлайн платформаи глобалиро барои рушди иқтидори бонувони соҳибкори Тоҷикистон пешниҳод намуда, онҳоро барои ворид гардидан ва истифода бурдани ин маҳзани маълумоти муфид барои пешбурди фаъолияти пурсамари соҳибкорӣ даъват намуда, омодагии худро барои ҳамкорӣ баён кард.

**Вобаста ба масъалаи сеюми рузномаи ҷаласа** масъалаи таҳияи Нақшаи чорабиниҳои Гуруҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон барои соли 2017 баррасӣ карда шуд.

Дар муҳокимаронихо оид ба масъалаҳои рузномаи ҷаласа намояндагони бахши давлатӣ, шарикони рушд ва бахши хусусӣ, аз ҷумла Директори иҷроияи АМСХМ – Н. Аминова, Менеҷери БАТР оид ба машваратдиҳӣ ба соҳибкории хурд - С. Боболжанова, роҳбари АМЗС “Кадбону” – С. Раҳимзода, роҳбари КВД “Гулдаста”- Ш. Ватанова, сардори шуъбаи гендер ва муносибаҳои байналмилалии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ҷ. Акобирова, ҷонишини Директори генералии Ассотсиатсияи занҳои соҳибкори Тоҷикистон – М. Мирзобаҳодурова, роҳбари ҶДММ «Хасан Зухро» - З. Тиллоева, мушовири СММ-занон – В. Мирзоева фаъолона иштирок намуданд.

Натиҷаи муҳокимаҳо аз ҷониби муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нигина Анварӣ ҷамъбаст гардида, қарорҳои зерин қабул карда шуданд:

1. Аъзои гуруҳи корӣ маълумоти муфассалро ҷиҳати таҷдиди назар намудани ҷадвалҳои барномаву лоиҳаҳо, тадқиқот ва ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкории занон дар солҳои 2015-2016 ба унвонии Котиботи Гуруҳи корӣ то санаи 20 декабри соли ҷорӣ пешниҳод намоянд.
2. Аъзои Гуруҳи корӣ таҳлилҳои худро оид ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ барои ташкили хазинаи ягонаи тадқиқот ва ҷамъбасти хулосаву тавсияҳо барои пешниҳоди расмӣ ба Ҳукумати мамлакат, инчунин ҷойгирнамоӣ дар сомонаи Гуруҳи корӣ ба Котиботи Гуруҳи корӣ ирсол намоянд.
3. Аъзои Гуруҳи корӣ маълумоти муфассалро вобаста ба расмиёти дастрасии занони соҳибкор ба грантҳо, кумаки техникӣ ва қарзҳои пешниҳодшаванда аз ҷониби ташкилоти худ бо мақсади таҳияву нашри маводи иттилоотӣ ва ҳамчунин ҷойгир намудани иттилоот дар сомонаи Гуруҳи корӣ ба Котиботи Гуруҳи корӣ манзур намоянд;
4. Аъзои Гуруҳи корӣ тадбирҳои зарурирo ҷиҳати ҷойгир кардани линкҳои ташкилоти худ дар сомонаи Гуруҳи корӣ андеша намоянд;
5. Аъзои гуруҳи корӣ таклифу пешниҳодҳои худро нисбат ба лоиҳаи Дастур ва Нақшаи чорабиниҳои Гуруҳи корӣ оид ба рушди соҳибкории занон ба котиботи Гуруҳи корӣ то санаи 20 декабри соли ҷорӣ пешниҳод менамоянд ва Котиботи Гуруҳи корӣ онҳоро ба инобат гирифта, пеш аз тасдиқи расмӣ ба аъзои Гуруҳи корӣ ирсол менамоянд;
6. Ҳамаи аъзои Гуруҳи корӣ ва Котиботи Гуруҳи корӣ худро дар онлайн платформаи глобалии “Empowerwomen” ба қайд гирифта, барои бақайдгирии соҳибкорзанон и кишвар дар он бо мақсади дастрасӣ ба маҳзани маълумот, таҷрибаи пешқадам ва таҳлилҳо оид ба пешбурди соҳибкории занон мусоидат намоянд;

7. Санаи ҷаласаи ояндаи Гурӯҳи корӣ баъд аз мувофиқаи лоиҳаи Нақшаи чорабинӣ ва муайян намудани рузномаи ҷаласаи оянда интихоб мегардад.

Котиби Гурӯҳи корӣ – Манучеҳра Маҷонова